«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.п., дотсент Сатторзода Б.А.
______________________
аз «30» 05 2026с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

ба диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи "Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт" барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дар кафедраҳои молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Раҳимзода Ҷурабек Раҳим докторант (PhD) кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Раҳимзода Ҷурабек Раҳим ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Раҳимзода Ҷурабек Раҳим, 17-уми январи соли 1996 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2018 Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси "иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ" хатм намудааст. Соли 2019 ба шӯъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистонро дохилшуда соли 2021 онро хатм намудааст. Ҳамзамон соли 2021 ба ҳайси докторант (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – молия (6D050901 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қабул шуда онро соли 2024 хатм намудааст.

Раҳимзода Ҷурабек Раҳим пас аз хатми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2018 фаъолияти меҳнатиашро дар ҶСП ТАҚҲ "Хумо" ба сифати коршиноси қарзӣ шурӯъ намуда то соли 2023 дар вазифаҳои гуногун кору фаъолият намудааст. Илова бар ин фаъолияти худро аз соли 2023 то ҳол дар вазифаи танзимгари шуъбаи ғоибонаи факултети технология ва инчунин ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва

идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ идома дода истодааст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳти суратҷаласаи № 6/5.4 аз 28-уми январи соли 2022 баррасӣ ва тасдиқ гардида, роҳбари илмӣ н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А. таъйин гардидааст. Ҳамзамон бинобар пеш омадани зарурияти истеҳсолӣ номи мавзуъ ва роҳбари илмӣ мувофиқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз №10/4.8 аз 26-уми феврали 2022 сол иваз гардида, роҳбари илмӣ д.и.и., профессор Шариф Раҳимзода тайин гардидааст.

Мувофиқи нақшаи таълимии шуъбаи омадакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии ДДМИТ, аз тарафи докторанти PhD Раҳимзода Ҷурабек Раҳим 180 кредит аз худ шудааст ва имтиҳонҳои маҷмуи бо муваффақият супорида шудааст.

Диссертатсияи аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба таври ошкоро аз «29» майи соли 2026, суратҷаласаи №10 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбӣ дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Навовариҳои бонкӣ ҳёамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт» Раҳимзода Ҷурабек Раҳим чунин бандҳои асосиро, ки мушаххасоти аслии таҳқиқотро дар бар мегиранд аз қисматҳои зерин иборат аст:

**Мақсади таҳқиқоти** илмии пешниҳодгардида татбиқи рушди иқтисодиёти рақамӣ ва ғайринақдикунонии амалиёту хизматрасониҳои мусоири молиявӣ дар заминаи техникаву технологияҳои муосири ҳозиразамони электронӣ дарбар мегирад, ки он ҳам хоси низоми бонкӣ ва корхонаву муассисаҳои сатҳи гуногун мебошад. Илова барин роҳҳои зуд ба ин ҷараён ворид шудани низоми бонкӣ ва дигар корхонаву муассисаҳо барои ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта низ дар ин масъала нигаронида шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти илмӣ мо як қатор масъалаҳое, ки мушаххасоти воқеии рақамкунонии иқтисодиёт ва амалиётҳои электронии молиявиро ҳамчун вазифаҳои таҳқиқот инъикос менамоянд, инҳоро дар бар мегирад:

- ҷанбаҳои назариявии навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва дар доираи он ҷанбаҳои методии мушаххасозии навовариҳо ва дигар воситаҳои татбиқи он мавриди таҳлилу баррасӣ дар доираи он ба таври содда ҷорӣ намудани амалиёт ва хизматрасониҳои муосири инноватсионӣ аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти инноватсияҳои бонкӣ бояд истифода гардад;

- дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ таҳлил ва баҳодиҳии навовариҳои электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, шаклҳои инноватсияи бонкӣ ва дигар восита элементҳои дар амал татбиқ намудани он ошкору пешниҳод мегарданд;

- ҷиҳати баҳои воқеӣ додан ба вазъи имрӯзаи навовариҳои бонкӣ ва дар амал татбиқ намудани ҷараёнҳои рақамикунонӣ як қатор нишондиҳандаҳо бояд таҳлил гардида, ваъияти ҷорӣ ва минбаъдаи рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда шавад;

- вобаста ба ҳолатии воқеиии андозаи истифодаи инноватсия дар низоми хизматрасониҳои бонкӣ, муаамҳои рақамикунонии фаъолияти бонкҳо таҳлил гардида, ҳамзамон шиддат гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ ва хатарафзо гардидани вазъи амалиёту хизматрасониҳои маҷозӣ, комилан электронӣ кардани амалиёту хизматрасониҳо дар доираи амалкардҳои бехатар ва истифода аз усулҳои таъминкунандаи бехатарӣ пешниҳод гардидааст;

**Объекти таҳқиқотро** равандҳои навоварӣ дар фаъолияти бонкӣ ҳамчун инструменти рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқот** ташаккул ва густариши навовариҳои бонкӣ ҳамчун инструменти рақамикунонии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар гирифта, роҳҳо ва воситаҳои дар амалияи имрӯзаи кишвар ҷорӣ намудани онро фарогир мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** аз ҷараёнҳои воқеӣ ва эҳтимолие иборат мебошанд, ки хусусияти бозсозӣ ва боздорандагӣ дошта, дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ ва иҷтимоиии кишвар амалкардҳои гуногуни техникӣ ва технологиро тақозо менамоянд ва дар натиҷа ба як қатор натиҷаҳои назаррас мусоидат мекунанд:

- то сатҳи зарурӣ коҳиш додани талабот ба пулу амалиётҳои накдӣ ва дар заминаи ин коҳиш додани хавфҳои бо пули накд алоқаманд ва амнияти пардохткунандаю пардохтгиранда алоқаманд;

- таъмини бехатарии амалиётҳо, захираҳои пулӣ, коҳиши хароҷот, сарфаи вакт ва аз байн бурдани маҳдудиятҳои иҷрои амалиёт;

- татбиқи самаранок ва саривақтии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои  вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Асосҳои назариявии масоили** таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои илми олимони дохилӣ ва хориҷӣ, коркардҳои амалию методӣ, ҳамчунин барномаву стратегияҳои муайяни дахлдори соҳавӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, усулҳои методӣ, амалӣ ва тактикӣ вобаста ба навовариҳои бонкӣ дар самти татбиқи рақамкунонии иқтисодиёт ва дигар воситаҳои ба ин баробар ташкил медиҳанд.

**Асосҳои амалии таҳқиқот.** Масоили мубрами амалии таҳқиқоти илмии мазкур дар раванди омодасозии диссератсия стратегия ва барномаҳои дахлдори соҳавӣ, ҳисоботҳои расмии вазорату идораҳои дахлдор, бюллетенҳои омори бонкӣ, сомонаи расмии  Бонки миллии Тоҷикистон, маълумотҳои ташкилотҳои қарзӣ, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва як қатор дастуруламалу низомномаҳои соҳавӣ мебошанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Дар омода намудани рисолаи илмӣ аз барномаву стратегияҳои дахлдори соҳавӣ ва талаботҳои мавҷудаи онҳо, ҳамчунин аз манбаҳои маълумоти сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон, бюллетени омори бонкӣ, ҳисоботи алоҳидаи бонкӣ, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷалаи Бонки миллии Тоҷикистон “Бонкдорӣ тараққиёт, ҷаҳонишавӣ”, мақолаву диссертасияҳои олимони дохилию хориҷӣ васеъ истифода намудем.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраҳои молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар солҳои 2021-2025 иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертасия дар шароити нави гузариш ба равандҳои ҷаҳонишавӣ дар заминаи техникаву технологияҳои муосир ва баланд бардоштани самараи иқтисодии давлат ва низоми бонкӣ бо истифода аз воситаҳои муосири электронии пардох ва дар ин замина аз байн бурдани норасоиву камбудиҳои ҷойдошта ва хавфҳои мавҷудаю босамаргардонии тамоми амалиёту хизматрасониҳо мебошад, ки дар диссертасия мукаммалан оварда шудаанд;

- вобаста ба зарурият ва баррасии масъала ҷанбаҳои назариявӣ ва методии навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуд, роҳҳои бартараф намудани

камбудиҳои ҷойдошта ва дар амалия ба таври содда ҷорӣ намудани амалиёт ва хизматрасониҳои муосири инноватсионӣ таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти инноватсияҳои бонкӣ бо усулҳо ва механизмҳои истифодаи имконпазир коркарду дарёфт гардида, роҳҳои дар амал истифодабарии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст;

- новобаста аз мавҷудияти як қатор нишондиҳандаҳо ва воситаҳои татбиққунандаи навовариҳои бонкӣ ва истифодаи амалии он дар кишвар бо дарназардошти талаботҳои рӯзафзуни ҷомеа навовариҳои электронӣ дар шароити ракамикунонии иқтисодиёт таҳлил ва баррасӣ гардида, шаклҳои воқеан такмилёфтаи инноватсияи бонкӣ ва дигар сохтору элементҳои он пешниҳод гардидаанд;

- айни замон барои додани баҳои воқеӣ ба вазъи имрӯзаи навовариҳои бонкӣ, воситаҳои истифодашавандаи ин масъала ва дар амал татбиқ намудани ҷараёнҳои рақамикунонӣ як қатор нишондиҳандаҳои низоми бонкию иқтисодӣ таҳлил гардидава ҳамчунин ҷиҳати расидагии дуруст ба ҷараёнҳои рақамикунонии иқтисодиёт ва дар маҷмӯ амалиётҳо, ҳамчунин муаммоҳои рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити рушди низоми бонкӣ таҳлил гардида, як қатор нишондиҳандаҳо ва хулосаҳои мушаххас пешниҳод шудаанд;

- дар такя ба рушди чашмраси рақамикунонии иқтисодиёт ва гузариш ба ин ҷараёни мураккаб ва фоидаовар барои ҷамъият, ҳамчунин шиддат гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ ва хатарафзо гардидани вазъи амалиёту хизматрасониҳои бонкӣ як қатор коркардҳои ба ин масъала хос дар шакли диаграмма, ҷадвал ва расм пешниҳод ва хулосабарорӣ гардида дар ҳошияи ҳадафҳои стратегии давлат бо роҳҳои дар амал татбиқ намудани рақамикунонии иқтисодиёт ва комилан электроникунонии амалиётҳои бонкӣ коркард гардида, мушкилот ва роҳҳои дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намудани барномаву стратегияҳои дахлдори соҳавӣ дар самти рақамкунонӣ пешниҳод гардидаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Вобаста ба таҳлил, баррасӣ ва хулосабарориҳо дар самти мушаххаснамоии нишондиҳандаҳои мавҷуда дар самти татбиқи рақамикунонӣ ва комилан ғайринақдикунонии амалиётҳои молиявию қарзӣ ва асоснок намудани тавсияву пешниҳодҳо масъалаҳои зерин нуқтаҳои ҳимояшавандаи модисертатсияро ташкил медиҳанд;

- дар ҷараёни таҳқиқ аз тарафи мо ҷанбаҳои назариявии навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифта, роҳҳои татбиқи амалии онҳо ба як қатор хусусиятҳои хос

ва бартариятҳои мавҷуда муайян гардидаанд ва ҳамчунин дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати содда ҷорӣ намудани амалиётҳои маҷозӣ ва хизматрасониҳои муосири инноватсионӣ таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти инноватсияҳои бонкӣ таҳқиқ гардида, роҳҳои амалигардии онҳо нишон дода шудааст;

- таҳлил ва баҳодиҳии навовариҳои электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҳамзамон бо ин шаклҳои муосиртаринини инноватсияи бонкӣ ва дигар дастгоҳу элементҳои дар амал татбиқ намудани он, ҳамчунин ҷиҳати баҳои воқеӣ додан ба вазъи имрӯзаи навовариҳои бонкӣ ва дар амал татбиқ намудани ҷараёнҳои рақамикунонии иқтисодиёт бо назардошти тамоми сохторҳои дахлдори он як қатор нишондиҳандаҳо таҳлил гардида, вазъияти ҷорӣ ва минбаъдаи рушд додани ин тамоюл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкору пешниҳод карда шудааст;

- таҳлилу баррасии рақамикунонии иқтисодиёт ва дар маҷмӯъ амалиётҳои вертуалӣ ё маҷозӣ, ҳамчунин баррасӣ ва коркарди муаммоҳои рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити рушди низоми бонкӣ таҳлил гардида, вобаста ба шиддат гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ ва хатарафзо гардидани вазъи амалиёту хизматрасониҳои маҷозӣ, пайдо гардидани як қатор мушкилотҳои пардохтпазирӣ ва сатҳи пасти ҳимояи воситаҳои электронӣ дар манбаҳои амалиёт ва хизматрасонӣ, як қатор меъёру нишондиҳандаҳо коркард гардида, роҳҳои татбиқи амалии он аз тарафи муаллиф дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст;

- ҳамчун замина ва асос роҳҳои дар амал татбиқ намудани рақамикунонии иқтисодиёт ва комилан электроникунонии амалиётҳои маҷозии бонкӣ дар заминаи техникаву технологияҳои муосири иттилоотию иртиботӣ коркард гардида мушкилот ва роҳҳои дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоид кардани ин ҷараён пешниҳод гардидаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯза масъалаи татбиқи рақамикунонии иқтисодиёт ва густариши бемайлони амалиётҳои электрониии молиявию вертуалӣ ба он асос меёбад, ки нишондиҳандаҳо ва воситаву дастгоҳҳои истифодашавандаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ намуда, роҳҳои дар амал истифодабарии онҳоро дар мушоҳиданамоии таҷрибаҳо, дарёфти дақиқии маълумотҳои воқеии истифодашаванда, дар сатҳи зарурӣ баррасӣ ва ошкорсозии рақамикунонӣ ва амалиётҳои маҷозии электронӣ, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқ, дарёфт ва коркарди омории натиҷаҳои

таҳқиқу интишорот ва баромадҳои муаллиф дар конфронсу мизҳои мудаввари сатҳи гуногун дар доираи мавзуи таҳқиқотӣ тасдиқ мегардад. Илова бар ин хулоса ва тавсияҳо, ки хоси шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, бо натиҷаҳои назаррас пешниҳод гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунанд: 2.13. Ташаккули хизматрасониҳои давлатӣ. 5.6. Проблемаҳо ва дурнамои арзёбии сармояи зеҳнӣ. 10.15. Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ. 8.4. Механизми гардиши пули нақдӣ ва ғайринақдӣ, 8.8. Ташкили низоми самараноки пардохтӣ ва афзорҳои ҳаллу фасли буҳрони пардохтӣ, 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ, 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ, 10.15. Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ, 10.22. Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ, 11.8. Таҳқиқи таъсири танзими пулию қарзӣ ба равандҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ дар иқтисодиёт.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар арзёбӣ ва занҷираи баррасии мавзуи таҳқиқот ҳамчун натиҷаи қаблӣ ва ниҳоӣ як қатор марҳилаҳои зарурӣ ва асоснок ба монанди: баррасӣ ва таҳияи мавзуи илмӣ, чараёни асоснoккунӣ ва баҳодиҳии дараҷаи мубрамияти мавзуи таҳқиқот, ошкорсозӣ ва мақсадгузорӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳои гузошташуда, инчунин интишорҳо ва иштироки бевоситаи муаллиф марбути масъалаи мазкур мебошанд. Илова бар ин, таҳқиқи таҷрибаи амалиии кишвар дар самти гузариш ба хизматрасониҳои вертуалии бонкӣ, ки натиҷаи онҳо ба воситаи усулҳои оморӣ, экспертӣ ва аналитикӣ таҳқиқ ва пешниҳод гардидаанд, натиҷаҳои кори муаллиф мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Зарурияти қисм ба қисм татбиқ намудани таҳқиқоти илмӣ ва дар амалияи пешбурди корҳои илмӣ аз нуқтаи назари мантиқӣ пешниҳод намудани мушаххассотҳои гуногуни коркардҳои илмии диссертатсия, аз тарафи моҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, инчунин конфронсҳои байналмилалӣ дар солҳои 2021-2024 мавриди пешниҳод қарор гирифтаанд. Ҳамчунин натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро барои

оммавӣ гардонидани натиҷаҳои бадастовардашуда махсусан дар байни донишҷӯёни макотиби олии кишвар аз фанҳои тадрисшавандаи амалиётҳои бонкӣ, фаъолияти бонкӣ, навовариҳои электронӣ дар бонкҳо, инноватсия дар бонкҳо, технологияҳои рақамӣ дар кори бонкӣ ва суғурта дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, дигар донишгоҳҳо истифода кардан мумкин аст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рақамикунонии иқтисодиёт ва гузариш ба меъёрҳои нави инноватсионӣ, ки дорои бартариятҳои зиёди самаранокӣ ва бехатарӣ мебошанд, як қатор барномаву стратегияҳои дахлдори соҳавӣ ва наздик ба ин қабул гардиданд, ки асоситарини онҳо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2025, Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳои 2021-2025, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” ва Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

**Мавҷудияти санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот.**

Санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот аз ДДМИТ аз 13.05.2026 №252 мавҷуд ҳаст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Бо мақсади риояи дурусти ҷараёнҳои таҳқиқоти илмӣ, инчунин риояи меъёрҳои талаботи КОА дар марҳалаи таҳқиқоти илмӣ дар доираи мавзуи баррасишавандаи диссертатсия 8 мақолаҳо, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар нашр шудааст.

Мундариҷаи асосии рисолаи номзадӣ дар нашрияҳои зерин инъикос ёфтааст:

## 1. ФЕҲРИСТИ КОРҲОИ ЧОПШУДАИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М] Раҳимзода Ҷ.Р. (Сандалов, Ҷ. Р.) Муҳити инноватсионии рушди амалиётҳои электронӣ дар шароити имрӯза / Ҷ. Р. Сандалов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – №. S2.1(31). – С. 296-305. ISSN: 2663-0389

[2-М] Раҳимзода Ҷ.Р. (Сандалов, Ҷ. Р.) Арзёбии навовариҳои рушди низоми бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Ҷ. Р. Сандалов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – №. S2.1(31). – С. 274-282. ISSN: 2663-0389

[3-М] Раҳимзода Ҷ.Р. (Сандалов, Ҷ. Р.) Масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди амалиётҳои электронӣ дар шароити имрӯза / Ҷ. Р. Сандалов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №. 6-2. – С. 187-193. ISSN: 2413-5151

[4-М] Раҳимзода Ҷ.Р. (Сандалов, Ҷ. Р.) Таҳлил ва баҳодиҳии навовариҳои электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Ш. Раҳимзода, Ҷ. Р. Сандалов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №. 11. – С. 130-137. ISSN: 2413-5151

[5-М] Раҳимзода Ҷ.Р. (Сандалов, Ҷ. Р.) Рушди низоми бонкӣ ва муносибатҳои қарзӣ дар шароити муосир / С. Ҷ. Махшулов, Ҷ. Р. Сандалов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №. 10-1. – С. 182-190. ISSN: 2413-5151

[6-М] Раҳимзода, Ҷ. Р. муаммоҳои рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити рушди низоми бонкӣ / Ҷ. Р. Раҳимзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – №. 1. – С. 433-440. ISSN: 2663-0389

**Дар дигар нашрияҳо**

[7-М] Раҳимзода Ҷ.Р. (Сандалов, Ҷ. Р.) Рушди хизматрасониҳои электронӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ [Матн] / Ҷ.Р. Сандалов // Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ: конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (10-уми феврали соли 2023). – С. 317-324.

[8-М] Раҳимзода Ҷ.Р. (Сандалов, Ҷ. Р.) Роҳҳои баланд бардоштани низоми нави хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикстон [Матн] / Ҷ.Р. Сандалов // Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: муаммоҳои рушд ва роҳҳои ҳалли онҳо: маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (11-уми марти соли 2023). – С.179-185.

Пас аз шунидан ва муҳокимаи диссертатсия дар маҷлиси кафедраҳои молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон чунин,

**қарор қабул карда шуд:**

1. Баромади Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи “Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт” барои дарёфти дараҷаи

илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), баромади роҳбари илмӣ ва муқарризони холис қаноатбахш ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи “Наворвариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои ҳимоя тавсия карда шавад.

3. Қарори якҷояи маҷлиси кафедраҳои молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, протоколи №10 аз «29» майи соли 2026 тасдиқ карда шавад.

Дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иштирок доштанд: ҳамагӣ - 23 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ -17 нафар. Аз ҷумла, д.и.и., профессорон – 2 нафар, номзадони илм – 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 17 нафар, муқобил - нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
мудири кафедраи молияи
ДДМИТ Убайдуллозода Ф. У.

**Котиби ҷаласа:**
доктор PhD, муаллими
калони кафедраи фаъолияти бонкии
ДДМИТ Мирсаидзода А.А.

Дурустии имзоҳои Ф.У. Убайдуллозода ва Мирсаидзода А.А.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.

«_29_» ____05____ соли 2026